# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи 22-23-юми ноябри соли 2023 конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи **«Масоили муҳими назарияи ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит»** дар пояи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит доир менамояд. Ба конфронси мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ- таҳқиқотӣ даъват карда мешаванд.

**Дар конфронс масоилҳои зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:**

1. мушкилот ва таҷрибаи татбиқи СБҲМ дар Тоҷикистон;
2. таҷрибаи татбиқи ISA ва НС дар кишварҳои гуногун;
3. самтҳои такомули баҳисобгирии молиявӣ ва андоз;
4. баҳисобгирии идоракунӣ ва системаҳои прогрессивии баҳисобгирии хароҷот;
5. мушкилоти ташаккули ҳисоботи ҷамъиятии ғайримолиявӣ ва ҳамгирошуда;
6. татбиқи ҳисобот оид ба рушди ширкатҳо ва масоили таъминоти баҳисобгирӣ- назоратии он;
7. самтҳои асосии рушди аутсорсинг, машварати муҳосибӣ ва аутстаффинг дар шароити муосир;
8. тадқиқоти омории падидаҳо ва равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ;
9. дурнамои рушди таҳсилоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва касби муҳосибӣ.

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфронс хоҳиши ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то **20-уми ноябри соли 2023** мақолаҳои худро ба суроғаи электронии conference_tguk@internet.ru, ирсол ва ё дар шакли электронӣ ба суроғаи 734061, ш. Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон манзур намоянд.

**Забони конфронс:** *тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.*

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman Tj (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;
- номи мавзӯъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (**бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14 пт**) навишта шуда, матни пурраи маърӯза ва рӯйхати адабиёт;
- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан [**2, с.42**]) оварда шаванд;
- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp», «jpg», «dwg», «gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад.

Намуна

Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич
*Мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
E-mail:______________________________

СИЁСАТИ КАДРҲО ДАР НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТ

Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн......

АДАБИЁТ


1. А
2. Б
3. В


Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то **20-уми ноябри соли 2023** пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

Даъватҳо барои иштирок дар конфронс то 20 **ноябри** соли 2023 фиристода мешаванд.


Раҷабов Олимхон Ҷурахонович (мутасаддӣ) **Тел.:** (+992 34) 234-85-44, (+992) 555552978,

**E-mail:** conference_tguk@internet.ru


**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**